**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович дар мавзӯи «Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. - Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) пешниҳод карда шудааст.**

Таҳқиқоти Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович, ки ба мавзӯи таҳаввули дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI бахшида шудааст, аз ҷумлаи масоили мубрами муносибатҳои муосири байналмилалӣ маҳсуб меёбад. Предмети таҳқиқотро асосҳо ва воситаҳои ташаккулёбии сиёсати хориҷӣ ва равандҳои тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI ташкил медиҳад.

Қимати илмии рисолаи мазкур дар он аст, ки ташаккул ва рушди муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба таври илмӣ васеъ инъикос мегардад.

Бояд қайд кард, ки бо дарназардошти таҳлилҳо аз ҷониби муаллиф, таклифҳои мушаххас пешниҳод шудаанд, ки истифодаи онҳо дар таълим ва таҷрибаи муносибатҳои байналмилалӣ метавонад ба такмили таҳқиқи таърихи муносибатҳои байналмилалӣ маводи тоза илова намуда, дар татбиқи сиёсати хориҷӣ саҳми амалӣ ворид намояд. Ҳамзамон бояд тазаккур, дод ки дар таҳқиқи ин масъалаҳо таҳлили равандҳои тағйирёбии низоми ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон нақши муҳим дорад.

Баъди шиносоӣ бо рисолаи илмӣ, мо ба чунин хулоса омадем, ки таҳқиқот дар асоси сарчашмаҳо ва манбаъҳои муҳими рушди муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар қаринаи тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии ин кишвар дар ибтидои асри XXI таҳқиқот бурда мешавад.

Баъди шиносоӣ бо автореферати рисолаи илмӣ аён гардид, ки диссертант чунин фарзияҳоро байн менамояд:

- асосҳои илмӣ-методологии таҳлили дурнамои сиёсати хориҷӣ муайян гардиданд;

- хусусиятҳои ташаккули фаъолияти хориҷии давлатҳои рӯ ба инкишоф таҳлил гардиданд;

- заминаҳои таҳаввулоти сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон баррасӣ гардиданд;

- таҳаввулоти рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон таҳқиқ гардид;

- ташаккули сиёсати хориҷии Ҳукумати ваҳдати миллии Афғонистон омӯхта шуд;

- рушди сиёсати бисёрсамтаи Ҳукумати ваҳдати миллии Афғонистон муйян карда шуд;

- ҷиҳати беҳтар намудани сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон тавсияҳои илмӣ пешниҳод гардиданд.

Авторефератро бодиққат омӯхта, мо чунин хулосабандӣ намудем, ки натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми коркарди лоиҳаҳои давлатии муносибатҳои байнидавлатӣ метавон самаранок истифода бурд. Инчунин маводҳои таҳқиқотро барои омӯзиши ин масъала ҳамчун асос истифода намудан зарур аст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. - Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ, рушди ҷаҳонӣ ва

минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) мувофиқат намуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Тақриздиҳанда,
доктори илмҳои сиёсӣ, раиси
ҲХДТ дар вилояти Хатлон Миралиён Қиёмиддин

Имзои Миралиён Қ.-ро тасдиқ менамоям:
Мудири шуъбаи ташкилӣ ва кор бо
кадрҳои ҲХДТ дар вилояти Хатлон Ишмуродов Ҳ.

Суроға:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Бохтар, к.Айнӣ, 47
Тел.: (+992 83222) 2-94-19
Почтаи электронӣ: gmiraliyon@hkhdt.tj